Савганд ба оне, ки ҷонам дар дасти Ӯст, намози ман монандтар аз намози шумо ба намози Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст. Ин намози Ӯ то аз дунё рафтанаш буд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки: Ӯ дар ҳар намози фарзӣ ва ғайри фарзӣ, дар рамазон ва ғайри рамазон (дар оғози он) такбир мегуфт ва сипас ҳангоми рукуъ такбир мегуфт, сипас мегуфт: (Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ) ва пеш аз ба саҷда рафтан (Раббано ва лакал-ҳамд) мегуфт. Сипас ҳангоми ба саҷда рафтан такбир мегуфт, ва ҳангоми аз саҷда сар бардоштан такбир мегуфт. Сипас ҳангоми ба саҷда рафтан такбир мегуфт ва ҳангоми аз саҷда сар бардоштан такбир мегуфт. Сипас ҳангоми бархостан аз нишаст дар ракаъати дуввум такбир мегуфт ва инро дар ҳар ракаъат анҷом медод, то ин ки намозашро ба поён мерасонд. Сипас баъд аз поёни намоз мегуфт: Савганд ба оне, ки ҷонам дар дасти Ӯст, намози ман монандтар аз намози шумо ба намози Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аст. Ин намози Ӯ то аз дунё рафтанаш буд.

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) бахше аз тарзи намозгузории Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро нақл мекунад ва баён медорад, ки ҳангоме ки барои намоз бармехост, такбири эҳромро мегуфт, сипас ҳангоми интиқол ба рукуъ ва ҳангоми саҷда ва ҳангоми бархостан аз саҷда ва ҳангоми рафтан ба саҷдаи дуввум ва ҳангоми бархостан аз саҷда ва ҳангоми бархостан аз ду ракъати аввал, пас аз нишастан барои ташаҳҳуди аввал дар намозҳои серакъатӣ ва чаҳорракъатӣ такбир мегуфт. Ва инро дар ҳама намозаш то поёни он анҷом медод. Ва ҳангоми бархостан аз рукуъ (Самиъаллоҳу лиман ҳамидаҳ) мегуфт ва сипас ҳангоме ки (баъд аз рукуъ) меистод (Раббано лакал ҳамд) мегуфт. Сипас Абуҳурайра мегӯяд: Қасам ба он ки ҷонам дар дасти Ӯст, ман дар миёни шумо монандтарин намозро ба намози Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дорам. Ҳамин равиши намози ӯ буд, то аз дунё рафт.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65098